“Тасдиқ менамоям”
Ректори АИДНПҶТ,
н.и.п., дотсент Сафарзода Д.Ҷ.

_______________________

“03” октябри соли 2024

# ХУЛОСАИ
## Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Диссертатсияи Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович дар мавзуи **“Мукаммалгардонии фаъолияти маркетингӣ дар шароити муосир (дар мисоли соҳибкории экологӣ)”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) дар кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович докторанти (PhD) кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Соли 2018 зинаи таҳсилоти бакалавриатро дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур аз рӯйи ихтисоси механиконии кишоварзӣ хатм кардааст.

Соли 2020 зинаи магистратураро дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ихтисоси идораи давлатӣ касби менеҷер-иқтисодчӣ хатм намудааст.

Солҳои 2020-2023 зинаи таҳсилоти доктор PhD-ро дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) анҷом додааст.

Мувофиқи нақшаи таълимии шуъбаи омодакунии кадрҳо ва кадрҳои илмӣ-педагогӣ, аз тарафи докторанти (PhD) 180 кредит аз худ шудааст ва имтиҳони ниҳоиро бомуваффақият супоридааст.

Мавзӯи диссертатсияи Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович дар ҷаласаи Шӯрои олимони Академия аз 31-уми майи соли 2022, протоколи № 10/11 тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Досиев Маҳмадшоҳ Назарович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсияи Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои идоракунии молияи давлатӣ ва менеҷменти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ошкоро аз 27-уми сентябри соли 2024, суратҷаласаи №2 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсияи аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст. Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи "Мукаммалгардонии фаъолияти маркетингӣ дар шароити муосир (дар мисоли соҳибкории экологӣ)" чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**Тавсифи умумии таҳқиқот**

**Баҳои кори иҷрошуда.** Фаъолияти маркетингии корхонаҳо дар шароити имрӯзаи мураккаб ва зудтағйирёбанда бо дараҷаи баланди номуайянӣ барои тиҷорат аҳамияти хоса дорад. Калиди самаранокии фаъолияти ташкилот дар муборизаи рақобатӣ ин пешниҳоди маҳсулоти арзишманд ба истеъмолкунандагон мебошад, зеро ба ивази мол ва хизматрасониҳои истеҳсолшуда корхона воситаҳои мавҷудияти худ ва фаъолияти худро мегирад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ корхона объекти асосии идоракунӣ ба шумор рафта, фазои иқтисодии он амалан номаҳдуд аст, вале комилан аз қобилияти кории дақиқ, мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи муҳити иқтисодӣ вобаста буда, самаранокии фаъолияти он ба хизматрасониҳои маркетингӣ алоқамандии зич дорад.

Дар заминаи гуфтаҳои боло бояд қайд кард, ки рушди тамоми намудҳои соҳибкорӣ дар минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон нобаробар аст, вале гузаштан ба рушди бозории иқтисоди миллӣ мавқеи соҳибкориро дар он ҳамчун яке аз соҳаҳои афзалиятноки бахшҳои асосии иқтисодиёт, ки ба беҳтар шудани сифати зиндагонии аҳолӣ ва рушди устувори минбаъда таъсир мерасонанд, муайян менамояд.

Дар шароити рақобат танҳо истифодаи самараноки хизматрасониҳои маркетингӣ ба субъектҳои бозор имкон медиҳад, ки масъалаи фурӯши мол ва хизматрасониро босамар ҳал намоянд. Махсусан, чунин консепсия барои бахши соҳибкории экологӣ ва фаъолияти тиҷоратии он амри зарурӣ ва ниҳоят муҳим ба шумор меравад. Хизматрасониҳои маркетингӣ дар бахши соҳибкории экологӣ метавонад барои фаъолияти ояндаи он ва ба даст овардани натиҷаҳои мусбӣ заминаи мусоид фароҳам оварад.

Ҳамин тариқ, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ муҳим аст, ки инро дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ дар ин самт тасдиқ мекунад.

**1. Саҳми шахсии довталаб.** Кори диссертатсионӣ натиҷаи кори мустақилонаи илмии муаллиф буда, муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар кори диссертатсионӣ таҳия ва асоснокшуда аз ҷониби муаллиф мустақилона дар асоси гузаронидани таҳқиқи амалияи рушди хизматрасониҳои маркетингӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ анҷом дода шудаанд. Қисми таҳлилии диссертатсия дар асоси коркарди маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбии вазъи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, таҳқиқи фаъолияти маркетингӣ дар бахши истеҳсолию иқтисодии субъектҳои хоҷагидор анҷом дода шудааст.

**2. Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ** бо гузаронидани таҷрибаҳо, таҳлилҳо, дурустии маълумот, ҷамъоварӣ намудани ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқотӣ, баррасӣ ва коркарди нишондиҳандаҳои омории натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин дар сатҳи зарурӣ баровардани интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо бо мавод ва нишондиҳандаҳои оморӣ асоснок карда шуда, таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ манзур карда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз мукаммал гардонидани асосҳои консептуалии танзими фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи соҳибкории экологӣ иборат мебошад. Натиҷаҳои муфид ва муҳимми тадқиқоти диссертатсионӣ, ки навовариҳои илмиро инъикос намуда, мазмуни рисоларо ошкор мекунанд, инҳоянд:

- ҷанбаҳои назариявии танзими фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи соҳибкории экологӣ омӯхта шуда, хусусиятҳои он ва масъалаҳои татбиқи он муайян карда шуда, омилҳои таъсиррасон аниқ карда шуданд. Мафҳум, маъно ва моҳияти хизматрасонии маркетингӣ, инчунин соҳибкории экологӣ дар рушди хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун фаъолияти самаранок ба ҳисоб меравад, мушаххас карда шуд;

- омӯзиши равишҳои муосири маркетинг дар соҳаи соҳибкории экологӣ ва таҷрибаи ширкатҳои хориҷӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ асоснок карда шуданд. Дар асоси таҷрибаи ширкатҳои хориҷӣ зарурати фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи соҳибкории экологӣ муайян ва пешниҳод гардиданд;

- дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва экологии вазъи кунунӣ ва тамоюлҳои рушди фаъолияти маркетингии соҳаи соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин тадбирҳои зарурии такмили

сохтори он бо роҳи беҳтар намудани нишондиҳандаҳои асосии механизмҳои маркетингӣ пешниҳод карда шуд;

- бо назардошти сифати махсуси афзояндагӣ ва нақши фаъолияти маркетинг дар рушди соҳибкории экологӣ, омилҳои таъсиркунанда ва танзими он дар шароити иқтисоди бозор, инчунин зарурати фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти маркетинг дар соҳаи соҳибкорӣ асосноканд, пешниҳод шудааст;

- усулҳои асосии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи соҳибкории экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозорӣ дар асоси баҳодиҳии афзалияти муқоисавии он дар соҳаи соҳибкорӣ таҳия, пешниҳод ва муайян карда мешавад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар фаъолияти соҳибкории экологӣ ташкил ва рушди фаъолияти бартарияти ба рақобат тобовар дорад. Бо дарназардошти афзоиши рақобатпазирии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳо барои такмили усулҳои фаъолияти маркетингӣ пешниҳод карда мешаванд.

3. **Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки муқаррароти назариявӣ-методӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида ҳангоми мукаммалсозии механизмҳои фаъолияти маркетингии субъектҳои хоҷагидор, махсусан бахши соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозорӣ истифода шуда метавонанд. Муқаррарот ва пешниҳодоти диссертатсияро ҳангоми мукаммалгардонии механизми танзими фаъолияти маркетингии субъектҳои хоҷагидор аз тарафи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иқтисоди миллӣ истифода бурдан мумкин аст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар имконияти истифода шудани натиҷаҳои илмии бадастомада аз тарафи субъектҳои хоҷагидор, махсусан бахши соҳибкории экологӣ ҳангоми коркард ва таҳияи сиёсати иқтисодии кишвар дар бахши хизматрасонии маркетингӣ, қабули консепсияҳои миллӣ дар самти такмил додани рушди хизматрасонии маркетингӣ дар фаъолияти соҳибкории экологӣ, ҳамчунин, истифодаи он ба сифати маводи лексионӣ аз рӯйи фанҳои “Иқтисодиёти ҷаҳон”, “Асосҳои фаъолияти соҳибкорӣ”, “Маркетинг”, “Асосҳои маркетинг” ва ғайра истифода намудан мумкин аст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсияи таҳқиқшуда ба қисмҳо ва бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 6D051100 - Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) мувофиқат мекунад, бандҳои: 1. Ҷанбаҳои назариявӣ ва самтҳои муосири рушди сиёсати бозории ширкатҳо дар асоси консепсияи маркетинг., 2. Асосҳои методологӣ,

мундарича, шаклҳо ва усулҳои маркетинги стратегӣ ва амалиётӣ., 3. Идоракунии фаъолияти маркетингӣ, самтҳо ва шаклҳои ташкили маркетинг ва мутобиқсозии онҳо ба шароитҳои бозории тағйирёбанда дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бозорҳои ҷаҳонӣ., 5. Маркетинги дохилиташкилотӣ, ҳадафҳо ва таъсири он ба натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти ширкатҳо, маркетинги муносибатҳо ҳамчун унсури стратегияи корпоративӣ., 6. Ташаккул ва рушди низомҳои муттаҳидшудаи иттилооти маркетингӣ, идоракунии муноситаҳо бо истеъмолкунандагон., 8. Баҳодиҳии фаъолияти рақибон, истифодаи он дар сиёсати маркетингии ширкат; бенчмаркинг., 9. Баланд бардоштани рақобатпазирии молҳо (хизматрасониҳо) ва ширкатҳо, омилҳои рақобатпазирӣ дар шароитҳои гуногуни бозорӣ., 19. Усулҳои ташкили маркетинги мустақим ва шароитҳои татбиқи он., 21. Маркетинги иҷтимоӣ-ахлоқӣ дар баландбардории уҳдадории иҷтимоии бизнес., 23. Рушди шакл ва усулҳои муосири фаъолияти рекламавӣ, ташкил ва баҳодиҳии самарабахшии реклама дар низоми коммуникатсияҳои маркетингӣ. 24. Идоракунии пешбарӣ (таблиғ)-и молу хизматрасониҳо, аз ҷумла идоракунии фаъолияти намоишгоҳӣ мувофиқ мебошад.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.** Натиҷаҳои ниҳоӣ ва тавсияҳои асосии дар заминаи таҳқиқоти гузаронидашуда таҳиягардида дар фаъолияти амалии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифода дар раванди Фаъолияти онҳо пешниҳод шудаанд. Санадҳо оид ба таҳқиқи паҳлуҳои таҳқиқот мавҷуданд.

**Алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла ба масъалаҳои гузариши самаранокии механизми бозор аз таносуби иқтисодиёт, истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ, моддию молиявӣ, ба вуҷуд овардани соҳаҳои мӯътадил, ки ба талаботи истеъмолкунандагон ва комёбиҳои прогресси илму техника мувофиқ бошанд, вобастагӣ дорад.

**5. Санадҳо оид ба татбиқи паҳлуҳои таҳқиқот мавҷуданд.** Натиҷаҳои асосии назариявии диссертатсия дар мавзӯи “Мукаммалгардонии фаъолияти маркетингӣ дар шароити муосир (дар мисоли соҳибкории экологӣ)” дар ҷараёни таълими Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудааст, ки бо санади татбиқ тасдиқ мегардад.

**6.** Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия. Мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 11 кори илмии муаллиф бо ҳаҷми умумии 4,2 ҷ.ч., аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда шудаанд.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М]. Зоҳидов, К.С. Асосҳои назариявии фаъолияти маркетингӣ дар корхона [Матн] / К.С. Зоҳидов, М.Н. Досиев // Идоракунии давлатӣ. Бахши илмҳои иқтисодӣ. – 2022. – № 4/1(58) – С. 69-74. ISSN 2664-0651 (Print) ISSN 2709-8567 (Online).

[2-М]. Зоҳидов, К.С. Идоракунии фаъолияти маркетингӣ ҳамчун омили асосии рушди ташкилот [Матн] / К.С. Зоҳидов, М.Н. Досиев // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. – 2022. – № 4/2(51) – С. 165-169. ISSN 2707-8000 ББК 22.3+22.1+24. П-14.

[3-М]. Зоҳидов, К.С. Таҳлили муосири соҳаи идоракунии хизматрасониҳои маркетингӣ ва усулҳои он дар шароити иқтисоди бозорӣ [Матн] / К.С. Зоҳидов // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – № 3(62) – С. 137-145. ISSN 2664-0651 (Print). ISSN 2709-8567 (Online).

[4-М]. Зоҳидов, К.С. Принсипҳои асосии рушди хизматрасониҳои маркетингӣ дар фаъолияти соҳибкории экологӣ [Матн] / К.С. Зоҳидов // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – № 4/1(63) – С. 151-157. ISSN 2664-0651 (Print). ISSN 2709-8567 (Online).

[5-М]. Зоҳидов, К.С. Мукаммалгардонии раванди фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи соҳибкории экологӣ [Матн] / К.С. Зоҳидов // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – № 4/2(64). – С. 203-210. ISSN 2664-0651 (Print) ISSN 2709-8567 (Online).

[6-М]. Зоҳидов, К.С. Ҷанбаҳои назариявии рушди фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи соҳибкории экологӣ [Матн] / К.С. Зоҳидов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – № 4/1(49). – С. 43-48. ISSN 2308 – 054X.

[7-М]. Зоҳидов, К.С. Хусусиятҳои ташкил ва рушди хизматрасониҳои маркетингӣ дар фаъолияти соҳибкории экологӣ ҳамчун омили татбиқкунандаи принсипҳои иқтисоди “сабз” [Матн] / К.С. Зоҳидов, М.Н. Досиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – № 3(37) – С. 131-142.

### Дар дигар нашрияҳо

[8-М]. Зоҳидов, К.С. Принсипҳои асосии рушди идоракунии хизматрасониҳои маркетингӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ [Матн] / К.С.

Зоҳидов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 75-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва Рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди коррупсия. – Душанбе: АИДНПҶТ. – 2023. – С. 504-511.

[9-М]. Зоҳидов, К.С. Фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи соҳибкории экологӣ ҳамчун омили татбиққунандаи принсипҳои иқтисоди “сабз” [Матн] / К.С. Зоҳидов, М.Н. Досиев. Н.И. Шоҳзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Заминаҳои илмӣ-техникӣ ва иқтисодии саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон”. – Душанбе: ДТТ. – 2023. – С. 45-49.

[10-М]. Зоҳидов, К.С. Ҷанбаҳои назариявӣ ва рушди фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи соҳибкории экологӣ [Матн] / К.С. Зоҳидов, М.Н. Досиев // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ” (ДДК ба номи А.Рӯдакӣ). – Кӯлоб. – 2023. – С. 699-705.

[11-М]. Зоҳидов, К.С. Такмили рушди фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи соҳибкории экологӣ [Матн] / К.С. Зоҳидов, М.Н. Досиев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба соли 2025 “Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо” ва “Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф, солҳои 2020-2040” (АИДНПҶТ, Душанбе 14 марти соли 2024). – Душанбе. – 2024.- С. 240-248.

Дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои идоракунии молияи давлатӣ ва менеҷмент иштирок доштанд: ҳамагӣ – 19 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ – 19 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 19 нафар, муқобил нест, бетараф нест, дар асоси натиҷаи овоздиҳӣ:

**Ҷаласаи кафедраҳо қарор қабул карданд:**

1. Диссертатсияи Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович дар мавзӯи “Мукаммалгардонии фаъолияти маркетингӣ дар шароити муосир (дар мисоли соҳибкории экологӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) пешниҳод гардидааст, анҷомёфта ҳисобида шавад;
2. Диссертатсияи Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович дар мавзӯи “Мукаммалгардонии фаъолияти маркетингӣ дар шароити муосир (дар мисоли соҳибкории экологӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-063 назди Донишгоҳи

байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

Қарори кафедраҳои идоракунии молияи давлатӣ ва менеҷменти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми сентябри соли 2024, суратмаҷлиси №2 тасдиқ карда шавад.

**Раисикунанда:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
мудири кафедраи менеҷмент Қодирова Г.Т.

**Котиб:**
Доктори илмҳои фалсафа (Phd)
аз рӯи ихтисоси мудирияти
соҳибкорӣ, и.в. дотсенти кафедраи
идоракунии молияи давлатӣ Бобозода А.О.

Имзоҳои Қодирова Г. ва Бобозода А. О.- ро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳо,**
**коргузорӣ ва корҳои**
**махсуси АИДНПҶТ** **Ғаюров Ф. З.**